# Тиреза

Бюллетен

ОНЧОЕ, КИ ОДАМОН ВА ЭҶОДИЁТ ВОМЕХӮРАНД

ҶИЛДИ 2, НАШРИ 2

| Чорабиниҳои асосӣ: |

*__13 Март, 18:00__*
**Намоиши расмҳои К. Наҷмиддинов – «Димоғ»**

*__23-27 Март__*
**Ҳафтаи Франкофония**

*__28 Март, 15:00__*
**Консерти гурӯҳи САМО, дар осорхонаи Гурминҷ**

| Дар ин нашр: |


**Интервю бо Ҷасур Халилов** 3

**Намоиши расмҳои Карим Наҷмиддинов - “Димоғ”** 4

**Санъат ва бизнес - арт саноат ҳамчун роҳи наҷот** 5

**Франкофония ҳамчун хорикаи ҳаёти сиёсию фарҳангии муосир** 6

**Дар бораи китоби Уэлбек «Платформа»** 6




www.bactria.net


BACTRIA

Культурный Центр “Бактрия”
734000, Душанбе
ул. Мирзо Ризо 22

Bactria Culture Centre
Mirzo Rizo Street 22
734000, Dushanbe

+(992) 227-03-69
227-02-57
bactria@acted.org

ACTED

## Лавҳаи эълонҳо аз Адриенн

Оё шумо дар бораи осорхонаи Гурминҷ шунидаед? Эҳтимол шумо шунидаед… Агар шумо тамоман надонед, пас ман ба шумо дар бораи он нақл мекунам. Соли гузашта дар бюллетени мо, ки моҳи май нашр шуда буд, ман мақолаи дарозеро дар бораи ин осорхонаи хурд ва дар байни биноҳои баланди шаҳри Душанбе гумшуда, навишта будам. Барои чӣ ман боз бораи он менависам? Барои он, ки ин осорхона хеле сири калон мебошад ва ман онро дар худ қапида наметавонам… Ман БОЯД бо он эҳсосоте, ки аз дидани ин осорхона гирифтам, бо мардуми бештар рози дил кунам.

Ҳангоми даромадан ба даруни ҳавлӣ, зуд гармии ин ҷой эҳсос карда мешавад. Он боҳаловат ва меҳмоннавоз мебошад, мисли ҷазираи хурде дар байни ҳамаи вайрониҳое, ки дар гирду атрофи ин осорхона вуҷуд дорад. Манораи дарози бинои муосири “VEFA Center” аз ҳавлии осорхона маълум аст, вале ин ҳама ба оромии ҳавлӣ халал намедиҳад. Ба ғайр аз осорхона, дар ҳавлӣ боз студияи хурди сабти мусиқӣ, майдончаи сурудхонии болояш кушода ва дар охири ҳавлӣ хонаи шахсии яке аз писарони Гурминҷ Завқибеков мавҷуд ҳаст. Бо дастгирии шодравон, раиси пештараи ҳукумати шаҳр Мақсуд Икромов, осорхона ҷои худашро ёфт.

Албатта, ин ҷойро танҳо осорхона номидан бо маънои анъанавии ин калима, на он қадар дуруст мебошад. Гурминҷ асбобҳои мусиқиро мунтазам ҷамъоварӣ мекард, вале аксари асбобҳо ба ӯ ҳамчун тӯҳфа тақдим карда шуда буданд ва ӯ, қариб ки бо ҳамаи онҳо менавохт. Осорхона хонааш буд ва ӯ дар байни ин ҳама асбобҳо зиндагӣ мекард. Тамошои ин осорхона шуморо ба ҷаҳони санъати ин одам мебарад. Шумо садоқати ӯро ба мусиқӣ эҳсос мекунед.

Гурминҷ Завқибеков аз Помир буд ва бо худ мероси бои мусиқии мардуми Бадахшонро овард, аммо осорхона албатта на танҳо барои тамошобинони мардуми Помир мебошад. Коллексияи ӯ воқеан асбобҳои мусиқии аз ҳамаи минтақаҳои Тоҷикистонро ва инчунин, аз дигар давлатҳои дунёро низ дарбар мегирад.

Якумин бор, ки ман дар ин осорхона ворид шудам, ман дар вақти машқи яке аз гурӯҳҳои помирӣ - САМО, воқеъ гардидам, ки онҳо осорхонаро ҳамчун ҷои муқимии худ барои машқи мусиқӣ истифода мебурданд. Дар вақти машқи онҳо ба осорхона омадан, дар ҳақиқат, хеле аҷоиб аст, зеро ба асбобҳои мусиқӣ нигоҳ карда ҳамҷоя мусиқии онҳоро шунида мешавад. Ман фақат ба чанд дақиқае дар онҷо нишаста ба оҳанги мусиқии онҳо лаззат бурдам. Навохтани панҷто даф (нақораҳои дастӣ) бошад, маро ба ҳолати сабуки изтирор бурд. Вақте ки ман дар он ҷо дар болои курси менишастам, ногаҳон дар пушти навозандагон расмеро дар девор дидам, ки он худи ҳамон саҳнаи дар рӯ ба рӯи ман будаdo тасвир мекард. Расми панҷ марди бо панҷ даф навохтаистода буд. Дар ин зуҳурот як ҳисси асрорангез буд… Ман ҳеҷ гоҳ ин лаҳзаро фаромӯш намекунам ва аз самими қалб ба шумо ҳам чунин эҳсосиётро мушоҳида карданро орзумандам. Фарқ надорад, ки шумо тамоми умр дар Душанбе зиндагӣ кардед ё танҳо муддате дар инҷо ҳастед – осорхона ба шумо эҳсосоти нав мекушояд.



Осорхона дар охири моҳи март бо консерти САМО дарҳои худро барои мардум боз мекунад. Ин ба шумо имконият медиҳад, ки ба осорхона мафтун шавед, чуноне, ки ман шуда будам.

***Адриен Руска***

**Консерти САМО 28-уми март соати 17.00 дар осорхонаи Гурминҷ баргузор мегардад.**

**ОНҶОЕ, КИ ОДАМОН ВА ЭҶОДИЁТ ВОМЕХӮРАНД**

**WWW.BACTRIA.NET**

Ҳайати муҳаррирон: Георгий Мамедов, Адриенн Руска, Анна Басанова (сармуҳаррир)
Тарҷума: Фарух Кузиев, Толиб Баҳромӣ, Адриен Руска
Суратҳо: Ҷамшед Холиқов, Антон Рухлов.
Дизайни муқова: Антон Рухлов.

**Шарикон:** ACTED, Сафорати Фаронса, Сафорати ШМА, Раёсати Швейтсария доир ба тараққиёт ва ҳамкорӣ

# ҶАСУР ХАЛИЛОВ:
# “ҲЕҶ ВАҚТ МАҚСАДИ БО МУСИҚӢ ПУЛ КОР КАРДАН НАДОРАМ”

20-уми феврал дар маркази фарҳангии «Бохтар» намоиши нашриёҳо ва веб сайт баргузор карда шуда буд ва дар доираи ин маърака консерт гузаронида шуда буд, ки дар он навозанда ва оҳангсози боистеъдод Ҷасур Халилов баромад кард. Дар инҷо мо интервюро, ки як рӯз пеш аз консерт гирифта будем бо намуди мухтасар чоп мекунем.

- Ӯро чандин бор ба хориҷа ба кор даъват карда буданд. Аммо ӯ бошад ҳеҷ бор даъватҳоро қабул накард. Асарҳои мусиқии ӯро беҳтарин мусиқинавозони Аврупо ва Осиё мебозанд, ва айни замон дар ватан ӯро ҳамчун оҳангсоз бисёриҳо мемедонанд. Ӯ худро дар шоу-бизнеси русӣ санҷид, вале боз баргашт. Ӯ ҳам дар гурӯҳи «Авесто» кор мекунад, асарҳои худашро менависад, дар Консерваторияи миллӣ дарс медиҳад.

*- Ҷасур, лутфан бигӯед, бо кадом равияи мусиқӣ шумо худро муаррифӣ мекунед? Чунки, агар ба равияи “Авесто” назар кунем, шумо аниқтараш иҷро кунандаи ҷаз-мусиқӣ мебошед?*

Ман мусиқиро ба қисмҳо ҷудо намекунам. Чунин мафҳуме ҳаст “Мусиқии ҷаҳонӣ”. Ман бо ҳамон равия меравам ва худро нигоҳ медорам. Ҳама чизро менавозам. Мо мусиқии классикӣ ва ҷазро дар асоси оҳангҳои миллӣ ҳамбаста мекунем.

*- Шумо якбора чанд корро мебаред. Бигузор, ки ҳамаи онҳо аз як соҳа бошанд. Аммо ба ҳар ҳол, мумкин ки баъзан бо ягон чиз баҳри чизе гузашт кардан лозим?*

Умуман гӯем, ман танбал ҳастам. Вале, танбали муштоқ… Ва агар ягон кореро оғоз кунам, ҳамавақт то охир давом медиҳам, зеро ки пурра дар ғарқи кор мешавам.

*- Ҷазро ҳамчун мусиқии аз ҳама озод ва аз ҳама бардавом мегӯянд. Шумо бо ин розӣ ҳастед? Боз чӣ тавр шумо онро тавсиф карда метавонед?*

- Ҷаз – аҷоиб ва бемисл мебошад. Вай тавонист мусиқии классикиву этникиро ҳамҷоя кунад. Ва дар Айни ҳол вай ба худ хос ва нотакрор мемонад. Ман гуфта метавонам, ки ҷаз – сарчашмаи бисёри равияҳои мусиқии ҳозира мебошад, мисол, мисли рок.

*- Ба андешаи шумо хусусиятҳои асосии ҷази муосир чӣ гуна аст?*

- Ҳозир равияҳои охири солҳои 70-ум ривоҷ ёфта истодаанд: фри-ҷаз, фюжен. Ба замми ин, намудҳои ҳамҷояшавии ҷази фарҳангҳои гуногун Ҳиндуӣ, Африқоӣ бо аврупоӣ бисёр аҷоиб аст …

*- Фарқи байни ҷази аврупоӣ ва аз они «мо» дар чист?*

- Мепиндорам, ки дар инҷо ҷаз нест. Суханам каме худписандона ҳам бошад, аммо танҳо «Авесто» ҷази аслиро «менавозад» ва дигар ҳеҷ кас.

*- Оё шумо бо чунин сухан розӣ ҳастед, ки дар ҷази муосир давраи зам кардани асбобҳои электронӣ омадааст? Ва барои чӣ, умуман, нақорачиҳо аз ҷаз-гурӯҳҳо меравад.*

- Ҳамаи ин навигариҳо ҷолиб мебошанд ва ҳамаи онҳо шунавандаи худро пайдо мекунанд, зеро ки онҳо таркиби мустаҳками ҷазӣ доранд.

*- Мусиқӣ чист? Ҳамчун мусиқинавози кордон, ҳамчун оҳангсоз ба мо фаҳмонед. Дар асл – ин танҳо маҷмӯъи садоҳо мебошад… Аммо, вай қиссаҳо нақл мекунад, симоҳо, эҳсосотҳоро мерасонад...*

- О… ҳоло ман худро оҳангсоз номида наметавонам! Мусиқӣ ин рӯҳияти баландсанъатии одам мебшад! Рӯҳи ман. Бале, эҳтимол ҳамин тавр…

*- Шумо гуфтет, ки ҳоло ба сатҳи оҳангсоз нарасидаед. Барои чӣ? Охир шумо асарҳои мусиқии худро менависед-ку… Онҳоро дар тамоми ҷаҳон навозанд…*

-Барои он ки худро бо чунин унвон номидан, бояд ки ҳади ақал мисли Бах, Бетховен шудан лозим. Чӣ қадаре, ки онҳо карданд, ҳамон қадар кардан лозим. Гап дар сари комёбгардидани «сифату миқдор» аст.

*- Воқеан, дар мусиқӣ кӣ ба шумо намунаи ибрат аст? Ба кӣ шумо баробар шуданиед?*

- Ба худ бут насоз гуфтаанд! Лекин умуман, идеали ман Лист, Шопен, Майл Девиз мебошанд.

*- Дар бораи консерти омада шудаистодаи худ нақл кунед.*

- 20 феврал дар МФ «Бохтар» ман композитсияҳои худро менавозам. Ин консерти камеравии «Классика ва Ҷаз» мешавад. Пеш аз ҳама, консерти мусиқии фортепианогӣ - песаҳо, ноктюрнҳо, ҳамҷоя бо кларнет ман оҳанги «Қиссаи ишқ»-ро менавозам… умуман ва ҳамагӣ - 30 дақиқа мусиқии ман садо медиҳад.

Ва ин хеле изтиробовар! Барои он ки асарҳои ман ба дили шунаванда метавонанд маъқул нашаванд.

*- Бигзор ки чунин ҳеҷ гоҳ рух надиҳад. Лекин агар фарз кунем, ки чунин шуд ва дар якум дақиқаҳо шумо дарк мекунед, ки «толор намефаҳмад» ва бо онҳо алоқа сохта нашудаистодааст, онгоҳ чӣ кор меунед?*

- Ман барномаро иваз намекунам. Ҳар чизе ки дар нақша буд, навохтан мегирам. Ман бо аудитория бо душворӣ алоқа барпо мекунам. Бешубҳа, эҷодкор бояд фаҳмонад, ки чиро мехоҳад навозад.

Баъзан ман ба худ баста мешавам, баъзан вақт фаҳмонида медиҳам. Ин аз он вобаста дорад, ки то чӣ дараҷа ман ҳис мекунам, ки маро дар ҳақиқат фаҳмидан мехоҳанд.

*- Оё шумо, дар толор кӣ нишастааст, диққат медиҳед?*

- Ман кӯшиш мекунам, ки ба толор нигоҳ накунам. Аммо дар онҷо хешони наздиконро дидан, муҳим аст.

*- Баҳои кӣ ба шумо муҳимтар?*

- Сараввал, ман фикри падару модар ва бачаҳоро аз гурӯҳ қадр мекунам.

*- Оё онҳо танқидгарони аз ҳама ҷиддӣ ҳастанд?*

- Бале ва аз ҳама салоҳиятдор. Модари ман мусиқинавоз ҳастанд ва падарам бошанд – оҳангсоз.

*- Дар бобати боҳодиҳии танқидгарон чӣ?*

- Бешубҳа танқид кардан зарур аст. Ин андеша карданро маҷбур месозад. Дар ман танқид муқовиматро ба вуҷуд меорад, ки аз он баъзан вақт фикрҳои нав ба вуҷуд меояд.

Ва баъдан, ман бояд донам кӣ маро танқид мекунад. Барои ҳамин, ман дар бораи ӯ маълумоткофтанро оғоз мекунам, асарҳо ва комёбиҳои ӯро меомӯзам. Ва ин бошад, медонед, ҳама чизро ривоҷ медиҳад!

*Оғози матн дар саҳифаи 3.*

*- Дар инҷо бошад чӣ гуна танқид вуҷуд дорад?*

- Ҳар гуна… зарур аст, ки ба он дуруст муносибат кунем, чун ки бар зиди ҳама якбора ғазаб наояд.

*- Ҳозир тамошобинон ҳар чӣ бештар ба ҷиҳати намоишӣ диққат медиҳанд ва ба санъат бошад, ки он ба андешаронӣ мебарад, кам аҳамият медиҳанд. Вақте ки шумо композитсиҳои худро эҷод мекунед, ба кӣ онҳоро равона мекунед?*

- Ман ҳеҷ гоҳ аз барои манфиатҳои омма, бар зарари санъат кор намекунам. Ва дар бобати ба шунаванда расонидани ғояҳои худ бошад, онҳоро ман бояд фаҳмотар ва ҷолибтар кунам. Аммо, беақлӣ кардан бо беақлон не.

- Шумо дар қарибӣ аз Москва баргаштед. Оё шумо дар онҷо кор кардан хостет?

- Бале, ман бо Лена Неклюдова, Н. Басков аллакай кор кардам…

- Пас барои чӣ баргаштед?

Барои дар онҷо зиндагӣ ва кор кардан, шахсияти худро гум накардан – ё он ки пули бисёр лозим, ё он ки дар онҷо таввалуд шудан лозим. Дар онҷо бозор дигар аст ва аз аввал кор кардан лозим аст. Дар онҷо ҳамачизро аз нав бояд оғоз кард.

Ва боз медонед чӣ, ман ватандӯст. Давлати худро дӯст медорам ва мехоҳам, ки барои он кор кунам. Дар инҷо имкониятҳои бисёр вуҷуд ҳаст.

*Интервюро Тахмина Ғоибназарова гузаронид.*

Сарчашма: http://www.khovar.tj/index.php?option=com_content&task=view&id=6967&Itemid

Бохтар_Арт Вижн

## Намоиши расмҳои Карим Наҷмиддинов — “Димоғ”

Интихоб байни он ки чӣ фурӯхта мешавад ва чӣ «аз самими дил» ва «барои табъи дил» аст, барои ҳамаи рассомон воқеӣ мебошад. Ба ҳамаи он гапҳо нигоҳ накарда, ки «санъат – ин касб нест, ин рағбат мебошад» ё он ки, «рассоми хуб бояд гадо бошад», ба воситаи санъат пул кор кардан, ягон ҷои айб надорад. Машғулияти касбӣ бо санъат онро дар назар дорад, ки рассом дар зиндагӣ бо эҷодиёти худ пул кор мекунад.

Гап дар он аст, ки ин намуди эҷодиёт чиро муаррифӣ мекунад ва оё ба санъат ягон муносибате дорад ё не. Албатта ба ин ҷавоби қатъи вуҷуд надорад, зеро ки «табъу завқи ҳар кас, ҳар хел» мебошад ва дар муҳити иқтисоди бозорӣ сухани охирин аз они харидор мебошад. Талаботи харидорӣ ба санъат дар вазъи кунунии мо бо гуногунии худ ва бо талаботи баланд ҷило намеебад. Ҳамон якчандто долонҳо ва устохонаҳои рассомиро дар шаҳр тамошо кунем агар, аён мешавад, ки «манзараҳо ва композитсияҳои табиати кӯҳӣ, ки тобиши миллиро ифода мекунанд, - беҳтар ба фурӯш меравганд,». Оё ин корҳои эҷодкарда асари санъатӣ ҳастанд ё не, бигзор кӣ онро эҷодгарон ва ё харидорон ҷавоб диҳанд, зеро ки “табъи ҳар кас, ҳар хел аст” гуфтаанд…

Карим Наҷмидинов ҳам манзараҳои табиатро мекашад ва онҳоро бо чорчӯбаҳои бо дабдабаи хитоӣ оро медиҳад, вале дар намоиши шахсии ӯ - «Настроение»- «Димоғ» онҳо намешаванд. На барои он ки манзаранависӣ ва умуман реализм равияест, ки пурра худро қонеъ кард ва дигар воқеӣ нест, дар ин бора мо аллакай гуфтем, ки «табъи ҳар кас ҳар хел аст». Дар ин намоиш, корҳои эҷод шуда на аз рӯи супориши касе, балки аз рӯи табъ ва барои табъи дил навишта шудаанд.

Расмҳои мавҳуми муҷаррад (абстрактӣ) доштаи Карим Наҷмидинов бо ниҳонӣ, самимият ва гӯё бо беҷуръатии айёми наврасӣ пур карда шудаанд. Ҳамаи асарҳо ҳолатҳои табъи кушода ва ҷустуҷӯиро инъикос мекунанд ва аз ҳама муҳимаш он ки мавқеъӣ худи муаллифро нишон медиҳанд. Хеле бисёр баҳс кардан мумкин, ки чӣ воқеияти рассомро муайян мекунад – восита, нуқтаи назар ё ягон чизи дигар. Аммо, чизи аз ҳама муҳиме, ки рассоми ҳақиқиро муайн мекунад – ин доштани мавқеъи худ. Карим Наҷмидинов мавқеъи худро дорад ва ин аз ҳама муҳим мебошад.

*Георгий Мамедов*


Диптих «Любовь»

# Санъат ва бизнес – арт саноат ҳамчун роҳи наҷот

*Статус-кво на он қадар маъқул аст, аз як ҷиҳат БИЗНЕС, ки барои он эҷодкорӣ лозим ва аз ҷиҳати дигар ЭҶОДИЁТ, ки метавонад ҳам худашро ва ҳам дигаронро хӯронад.*

Саноатҳои эҷодӣ дар иқтисодиёти давлатҳои Аврупо яке аз соҳаи аз ҳама мунтазам рушд ёбанда ба ҳисоб меравад, ки намудҳои гуногуни соҳибкориро дар бар мегирад, аз санъати визуалӣ ва театрӣ, меъморӣ, дизайн, таблиғот, мӯд оғоз карда, то таъмини барномавӣ ва воситаҳои ахбори омма (ВАО).

Саноатҳои эҷодӣ дар ҷараёни аз нав барпошавии бисёри шаҳрҳои дунё нақши калонро мебозанд ва мояи дурнамоҳои нави иқтисодӣ доир ба рушди минтақвии Берлин, Милан, Манчестер, Хелсинки, Франкфурт, Лион, Барселона ва Роттердам мебошанд. Дар давлатҳои мутарақикардаи ҳам ғарб ва ҳам шарқ, арт саноатҳо на танҳо имконияти сатҳи зиндагии арзандаро таъмин мекунанд, балки яке аз соҳаҳои пешрафтаи эқтисоди ин ё он давлат шуда метавонанд.

Дар натиҷаи ҳаяҷони дар ШМА ва Аврупо ба вуҷуд омада, шаҳрҳои як замон пешрафтаи саноатӣ ва кор кард, ба пастравии иқтисодӣ рӯ афганданд, дар онҷойҳо сатҳи бекорӣ афзуд ва дар натиҷаи ин сатҳи ҷинояткорӣ баланд гардид. **Барои ҳали ин масъалаҳо қарори начандон оддӣ қабул шуда буд – яъне кушодани мактабҳои махсуси санъати тасвирӣ, мусиқӣ, дизайн дар ин ноҳияҳо.** Баъд аз даҳсолаҳо ин ноҳияҳо ба марказҳои арт саноати ғарбӣ, бо таҷрибаи беназири худ, табдил ёфтанд. Мисол, дар Хелсинки дар охирҳои солҳои 90-ум, ҳокимияти шаҳр тамоюли рушди мунтазами соҳаи навро қайд карда, қарор гирифтанд, ки лоиҳаҳои аз тарафи рассомон, мусиқинавозон ва соҳибкорон пешкаш мешударо ҳама ҷониба дастгирӣ менамоянд. Яке аз чунин лоиҳаҳо ин **табдилдиҳии корхонаҳои хобида ва фоида наоваранда ба марказҳои санъати муосир мебошад**, мисли: долонҳо, ҷойҳои консертӣ - фабрикаи кабелбарорӣ, анбори роҳиоҳан Макасинит, Теннис-палас.

Ҳозир бошад, саноатҳои эҷодӣ яке аз соҳаҳои хеле мунтазам инкишофёбандаи иқтисоди давлатҳои аврупо мебошад. Дар бораи ин дар асоси нишондодҳои зерин гуфтан мумкин:

Танҳо дар соли 2003 **гардиши (фурӯши) маҳсулот дар соҳаи фарҳангӣ ва эҷодӣ** ба **654 млрд. долл.** расид, сахми соҳа дар МУД ИА 2,6% шуд, нумӯи умумии арзиши иловагии соҳа ба 19, 7% расид. Дар соли 2004 дар соҳа тақрибан 5,8 млн. одам кор мекард, ки 3,3% -ро нисбат ба шумораи умумии аҳолии фаъоли Аврупо ташкил мекунад.

Дар Тоҷикистон, дар ин соҳа чӣ гап шуда истодааст? Таҷрибаи бои фарҳангиву таърихӣ дошта, мусиқии аз ҷиҳати зебоӣ ва мазмун аҷоиб дошта, шахсони пешрав ва баланд ҳунари эҷодкор дошта, саноатҳои эҷодии мо бо истеҳсоли маҳсулоти тӯъфавӣ (сувенирӣ) муаррифӣ шудаанд.

Якчанд сабабҳои рӯй додани чунин вазъият ҳаст: ин ҳам фурӯши видео ва аудио дискҳои қалбакӣ, ки ба фаъолияти навозандаҳову сарояндаҳои мо монеъа месозад ва имконият намедиҳад, ки бо эҷодиёти худ пул кор кунанд; ин ҳам сиёсат дар соҳаи фарҳанг; ин ҳам набудани банди асосӣ дар арт саноат – мисли арт менеҷерҳо.

Имрӯз ҳам навозандгон ва ҳам рассомон, худашон ҳамчун арт менеҷер кор мекунанд ва дар бораи нархи баромадашон дар тӯйҳо худашон ҳарф мезананд, ба расмҳояшон худашон нарх мемонанд ва ғайра. Аммо ин нодуруст аст. Арт менеҷер ин касби алоҳидаест, ки онро омӯхтан лозим ва ин корест, ки вақт ва заҳмати бисёрро талаб мекунад. Вазифаи чунин одамон дар кофтани имкониятҳо барои баромад кардани навозандаҳо дар консертҳои ҳақиқӣ ва фестивалҳо мебошад, на он ки дар маъракаҳои ҷашнии оилавӣ. Арт менеҷерҳо рассомонро дар ҳар гуна намоишгоҳҳо ва долонҳо бояд муаррифӣ кунанд, ки дар онҷо асарҳои онҳо аз тарафи танқидчиён баҳо дода мешаванд ва арзиши ҳақиқӣ меёбанд.

**Арт саноат худ ба худ пайдо намешавад, онро арт менеҷерҳо бо дастгирӣ ва ташаббуси давлат месозанд.** Корхонаҳои саноати эҷодӣ бештар фирмаҳои хурд мебошанд ё ҳатто шахсони алоҳидаи хеле моҳир ва чаққон ҳастанд, вале маҳз дар ҳамин нуқси асосӣ вуҷуд дорад – ба онҳо малакаи воқеӣ барои пеш бурдани бизнес намерасад (маркетинги маҳсулот, санҷида истодани фаъолияти молиявӣ ва хароҷотҳо, надонистани тартиби андозсупорӣ, бурдани ҳисоботи пули накд, умуман кори ҳисоботӣ), дониш ва фаҳмиши ҷиҳатҳои ҳуқуқии фаъолияти чунин бизнес (қонунгузорӣ дар соҳаи ҳуқуқи моликияти интелектулӣ, гирифтани иҷозатномаҳо ва патентҳо) ва ғайра чизҳо. Барои бо муваффақият рушд ёфтани саноатҳои эҷодӣ дар Тоҷикистон, кӯшишҳои ҳамҷояи ҳокимият, ташкилотҳои байналхалқӣ, муассисаҳои фарҳангӣ, соҳаи соҳибкорӣ лозим ҳаст. Корҳоро дар ҳар гуна самтҳо бурдан лозим: ба корхонаҳои саноати эҷодӣ имтиёзҳо ва озодиҳо додан; тартиби нави омӯзиш дар донишгоҳҳо ворид сохтан; барномаҳои нави дарсӣ барои арт менеҷерон дар хориҷа эҳё кардан; маслиҳатдиҳӣ доир ба масъалаҳои ҳуқуқиву молиявӣ фароҳам овардан лозим аст.

Дар ҳолати амалӣ кардани ҳамаи чизҳои дар боло зикр шуда, дар бораи саноатҳои эҷодӣ ҳамчун имконияти раҳоиёбӣ аз вазъи рӯй додаи иқтисодӣ гуфтан мумкин мешавад ё ақалан, ҳамчун саҳми арзанда, барои рушди иқтисоди азияткашидаи мо гуфтан мумкин.

*Фарух Кузиев – ёвари барномаҳо*

**17 март дар Маркази Фарҳангии «Бохтар» дар соати 10:00, вохӯрии координатсионӣ доир ба фарҳанг дар мавзӯъи «Санъат ва бизнес – арт саноатҳо ҳамчун роҳи наҷот».**

## Франкофония ҳамчун хориқаи ҳаёти сиёсию фарҳангии муосир

20-уми март дар ҷаҳон Рӯзи Байналхалқии Франкофония ҷашн гирифта мешавад. Ин иди ҳамаи онхое, ки фаронсазабон, забони фаронсавиро меомӯзанд ва онхое, ки бо тамаддуни мамлакатҳои, ки он ҷо бо забони фаронсавӣ ҳарф мезананд, мебошад. Воқеан, ид чанд рӯз давом медиҳад, ва дар тӯлӣ ин ҷашн конфронсҳои илмӣ, семинарҳои филологӣ, намоишҳо, мубоҳисаҳо, консертҳо гузаронида мешавад, филмҳои гуногун нишон дода мешавад.

Дар Тоҷикистон Рӯзи Франкофония баъд аз пайдо шудани сафорати Фаронса ва МФ «Бохтар» дар Душанбе, васеъ ҷашн мегирифтагӣ шуд. Ин ид дар ҷумҳурии мо аллакай ба анъана даромадааст.

Истилоҳи «франкофония»-ро мутахасиси фаронсавӣ доир ба ҷуғрофия Реклю дар соли 1880 барои номидани заминҳое, ки дар он аҳолии фаронсазабон зиндагонӣ мекунанд ва инчунин, барои номидани кулли аҳолии фаронсазабон, истифода бурдааст.

Дар солҳои 60-уми асри XX франкофония – ин равияест, ки ба омӯзиши забони фаронсавӣ равона шудааст. Ташаббускорони ин равия – роҳбарони Нигер, Сенегал, Комбоджи, Тунис, ки дар паҳншавии забони фаронсавӣ роҳи мутаҳидшавии ахлоқиро, инкишофи фарҳанг ва маорифро, ба технологияҳои нав дастрасшавиро пай бурданд, мебошанд.

Маҳз 20 марти соли 1970, дар пойтахти Нигер Ниамея, Ташкилоти Умумиҷаҳонии Франкофония бунёд гардид, ки 63 давлатро бо 10/1 ҳисаи башарият ҷаъм овард. Дар байни иштирокчиёни ин ташкилот, инчунин собиқ ҷумҳуриҳои Иттиҳоди Шӯравӣ Арманистон, Молдавия низ ҳастанд. Аъзоёни ташкилот - Фаронса, Канада, Белгия, Швейтсария, Люксембург мебошанд. Дар бораи нуфузи франкофония ба ташкилот даромадани чунин давлатҳое, чун Булғория, Юнон, Миср, Македония ки бо забони фаронсавӣ ҳарф намезананд, шаҳодат медиҳад. Мақсади асосии ташкилот: паҳннамудани забони фаронсавӣ ва ҳифзи гуногунии фарҳангҳо мебошад. Ба ғайр аз ин Франкофония бо паҳннамудани фарҳанги давлатҳо ва халқҳои фаронсазабон, машғул аст. Забони фаронсавӣ на танҳо чун вектори махсуси фарҳангӣ дида мешавад, балки чун категорияҳои сиёсиву иқтисодӣ, мисли «пешравӣ» ва «навкунӣ» фаҳмида мешавад. Маҳз бо чунин андеша дар бораи нақши забони фаронсавӣ, иштироки Франкофония дар тадбирҳои аз ҳисоб барории қарзҳои давлатҳои ниҳоят камбағал, ёрии иқтисодӣ, муҳофизати муҳити зист буд. Бар замми ин, дар ҳалли масъалаҳои иқтисодии давлатҳои Африқо ва Осиё, аз тарафи аъзоёни ғарбии ин ташкилот, бо мавзӯъҳои демократиякунонӣ ва ҳифзи ҳуқуқҳои одам вобаста мекунанд. Ҳамкории давлатҳои аъзои Франкофония дар мавзӯъҳои бо масъалаҳои бехатарии минтақавӣ вобасташуда шиддат меёбад (Лубнон, Дарфур дар Судан, Кот Д'Ивуар, Чад). Бештари давлатҳои аъзои Франкофония, мавқеъи Фаронсаро доир ба Эроқ дар замони ҳукумронии ҷаноби Ширак тарафдорӣ мекарданд.

Ҳамин тавр, барои ҳимояи сиёсат, фарҳанг ва иқтисодиёти давлатҳои аъзо аз фишори америкоӣ, ки ҳамчун рамзи глобализатсия шудааст, саъю кӯшиши аниқ мушоҳида карда мешавад.

Сарвари ин кор, бе ягон шубҳа Фаронса мебошад, ки бо воситаи иштирок дар сохторҳои ташкилотӣ ва иттилоотии Франкофония, чун Конфоронси вазирони маорифи миллии давлатҳои франкофонӣ, Ассотсиатсияҳои донишгоҳҳое, ки пурра ё қисман забони фаронсавиро истифода мекунанд, Ассамблеяи парламентҳои Франкофонӣ, Агентии Франкофонӣ, Форуми соҳибкорӣ ва ғайра, вазъи сиёсии худро боз ҳам пурзӯртар карда истодааст.

Таъсири Франкофония дар Тоҷикистон баъди барпо кардани ҳамкорӣ байни давлати мо ва Фаронса дар соҳаи бехатарӣ доир ба Афғонистон оғоз шуд. МФ "Бохтар" ҳамкориро бо Франкофония танҳо дар соҳаҳои фарҳанг ва омӯзиш барпо кардааст (дарсҳои забономӯзӣ, лексияҳо дар мавзӯъҳои адабиёт ва санъати давлатҳои аъзои Франкофония, Фестивалҳои синамо ва конфоронсҳо, ёрӣ барои дарсдодани забони фаронсавӣ дар мактабҳо ва донишгоҳҳо). Коргарони Марказ умед доранд, ки: фаъолияти он барои шиносоии аҳолӣ бо комёбиҳои фарҳанги ҷаҳонӣ мусоидат мекунад, имкониятҳои эҷодии нависандагон ва рассомонро баландтар мекунад, имкониятҳои навро барои муштариёни МФ "Бохтар" фароҳам меоварад.

*Дмитрий Егармин*

## Дар бораи китоби Уэлбек «Платформа»

**Бохтар_Рафҳои китоб**

Китоби беҳаё! - гуфт дугонаи ман, дар хусуси китоби интихоб кардаи ман. Аммо, муаллиф хеле ҳам машҳур мебошад, наход, ки ӯ дар асоси интихоби мавзӯъи «шаҳват» дар сужети китоб, машҳуриро пайдо кардааст.
Саёҳати шаҳват – шиносоӣ бо Валерӣ - саёҳати шаҳват – марг, ана ин ҳаст формулаи роман.

Бале, дар назари аввал сюжет чунин кушода мешавад: қаҳрамони қисса ҳаёт ба сар мебарад, кор мекунад, бо шаҳват машғул мешавад. Ва Уэлбек хеле бисёр ба шаҳват аҳамият медиҳад. Эҳтимол, беҳуда не ӯро барои тарғиботи саёҳати шаҳват сарзаниш мекунанд. Аммо, дар ин чизе ҳаст: тарғиботи саёҳати шаҳват – ин пардаи берунӣ мебошад, ки паси он чизи муҳим, яъне таназзули дунёи маънавии одам, рӯй гирифтани ҷомеаи истеъмолкунанда мебошад. Услуби бурднокро яъне мавзӯъи шаҳватро бисёртар дар китоб истифода бурда ва ҳамин тавр хонандаро ҷалб карда, ӯро маҷбур сохтан, ки дар бораи дунёи муосир андеша кунад. Саволеро ба миён мондан, ки арзишҳои мо ба куҷо меоранд?

Саёҳати шаҳват – ҳамчун заминаи нави ҷомеаи оянда, аммо оё чунин мумкин аст? Қаҳрамонони китоб аз ҷомеаи муосири истеъмолкунандагон ва индивидуализм дур шуда ба биҳишти сунъи мераванд. Ва дар инҷо, ҳамчун инкори чунин ҷомеа, воқеаи даҳшатангезе рӯй медиҳад – Валери аз дасти террористони исломӣ ба ҳалокат мерасад.

Суханоне, ки муаллиф аз ҷониби соҳибкори муваффақи аз давлати арабзабон менависад, касро ба ҳайрат меорад, яъне барои ба ҷаннат рафтан, ки онҷо ҳама неъматҳо моро интизор аст, террорист шудан лозим нест – ҳамаи ин неъматҳо бо нархи нисбатан арзон дар инҷо, дар замин ҳаст.

Ҳамчун охири роман суханони персонажи «Платформа»-ро гуфтан мумкин дар бораи худ ва дунё, эҳтимол ин фатво ба ҷомеаи муосир бошад?

«Ман то охири умри худ фарзанди Аврупо мемонам, натиҷаи ҳаяҷон ва шарм; ман ҳеҷ сухани дилбардор гуфта наметавонам. Ба Ғарб ман нафрат надорам, фақат ҳиси хеле калони таҳқиромезӣ дорам. Ман як чизро медонам: мисли мо чунин одамон вуҷуд ҳастанд, мо мемирем, зеро пурра ба худпарастӣ, мазохизм ва марг дар афтидаем. Мо тартитби зиндагиро сохтем, ки дар он зистан номумкин аст; ва боз ҳам бадтар он аст, ки мо то ҳол онро ба дигарон паҳн мекунем».

*Анна Басанова*

Китоб меарзад, ки онро бихонед.
Китобхонаи МФ «Бохтар» душанбе-шанбе аз соати 9:00 то соати 18:00